

# Хамдиёрони азиз!
# Мардуми шарафманд ва мехнаткарини нохия!

Хамасола дар саросари Точикистони сохибистиклоли мо чун дигар давлатхои мусулмонӣ Иди Курбон чун иди ачдодӣ ва садокату мехрубонӣ, чихати арчгузорӣ ба арзишхои башардӯстонаи дини мубини Ислом тачлил карда мешавад.

Ин рӯзи муборак барои хар як фарди чомеа иди муътабар ва гиромӣ аст. Зиёда аз 1400 сол ин чониб хамаи мусулмонони олами ислом ин идро хамчун иди хайру саховат, иди некию вафодорӣ, дӯстиву рафокат кайд мекунанд. Аз ин лихоз хамаи Шуморо ба муносибати фарорасии иди муборaки Курбон табрик намуда, бароятон тандурустиву сарбаландӣ, файзу баракати зиндагӣ ва рӯзгори нек орзумандам.

Иди Курбон аз чумлаи азизтарин маросимхои суннатии мардуми мусулмон буда, вокеан ба маромхои инсондӯстию мурувват ва сулххохиву мехрубони бунёд ёфтааст. Аз баракати Истиклолияти давлатӣ то ба имрӯз мардум фаризахои асосии иди шарифи Курбонро озодона ва бемамониат адо менамуданд. Мухимтар аз хама чи хеле, ки Асосгузори сулху Вахдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон хидоят менамоянд ба дармондагону ниёзмандон, ашхоси камбизоат, ятимону маъюбон хайру эхсон намудан ба урфияти неки мардуми мо табдил ёфтааст.

Бинобар сабаби пахншавии беморӣи сироятии коронавирус дар чахон, чихати эмин нигох доштани ахолии кишвар аз сирояти бештари он, тибки фатвои Раёсати Шӯрои уламо «Хикмати курбонӣ дар он аст, ки мардуми камбизоат аз он бахра баранд ва дар рӯзи ид хамрохи дигарон шодиву сурур дошта бошанд. Дар ин маврид Пайгамбари Худо, саллаллоху алайхи ва саллам фармудаанд: «Факиронро аз суол намудан дар ин рӯз бениёз гардонед!"

**Зеро гояи асосии дини мубини ислом эхтиром кардани инсонхо ва одамият мебошад.**

**Пайгамбари ислом Хазрати Мухаммад салаллоху алайхи вассалам дар як хадиси мубораки худ фармудаанд: «Аввал чизе, ки худованди таъоло дар тарозӯи амал менихад, ахлоки нек ва саховат аст».**

## Бори дигар иди саиди Курбонро ба тамоми сокинони нохия табрик гуфта, бароятон саломатӣ, бахту саодат, барори кор ва хамаи хушихои зиндагиро орзу менамоям.

**Ид муборак хамдиёрони азиз!**